**«Тасдиқ мекунам»**
**Муассисаи давлатии «Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**«20» сентябри 2025**
**__________ Маҳмадбекзода М.Ш.**

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар - Муассиаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ»-и Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба диссертатсияи Ҳусензода Анвар Раҳмонқул дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» барои пешниҳод ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз руйи ихтисоси: 08.00.12 -Иқтисодиёти меҳнат**

1. **Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст**. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Ҳусензода Анвар Раҳмонқул дар мавзуи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон)», Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба нуктаҳои зерини шиносномаи номгӯйи ихтисосҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 – «Иқтисодиёти меҳнат»: 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра); 3. Масоили назариявӣ-методологӣ дар соҳаи меҳнат ва муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ; 7. Ҳавасмандгардонӣ ва музди меҳнати кормандон; ташкили музди меҳнат ва таъмини алоқамандии тарафайни он бо тахассуси корманд ва натиҷанокии истеҳсолот; функсияҳои такрористеҳсолӣ ва ҳавасмандгардонии музди меҳнат; 8.Бамеъёрдарорӣ, ташкил ва гуманизатсияи меҳнат, махсусияти он барои соҳаҳои мухталифи фаъолият ва категорияҳои кормандон; 9.Ҳосилнокӣ ва самаранокии меҳнат, маҳак, усулҳои ченкунӣ, омилҳо ва захираҳои

баландшавӣ, барномаҳои идоракунии ҳосилнокӣ; 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд.

**2. Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Дар шароити муосири рушди муносибатҳои меҳнатӣ, баланд бардоштани самараноки ташкил ва идоракунии корхона барои таъмини ҳосилнокии меҳнат, истифодаи системаи иноватсиони музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии кормандони корхона, аз ҷумла корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ бо назардошти тақвияти рақобат равона карда шудааст.

Ташаккули муносибатҳои иқтисодӣ ва такмилу тағйирёбии фаъолияти меҳнатӣ системаҳои мотиватсионии музди меҳнат дар муассисаҳои нақлиёти автомобилӣ бо дарназардошти омилҳо дигаргун шудааст.Ҳадафи ин иқдомҳо беҳдошти сифати хизматрасониҳои нақлиёти ба ҳисоб меравад.

Барои мукаммалгардонии низоми ҳавасмандгардони ҳайати кормандони муассисаи нақлиёти автомобилӣ аз ҳамаи имкониятҳо истифода карда шавад. Барои ҳалли мушкилоти ҷойдошта, истифодаи механизмҳои навоваронаи такмили низоми музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилиро зарур ва саривақт меҳисобем.

Аз нигоҳи нуктаи назари илмӣ баъзе аз мушкилотҳои ҳалталаби соҳаи нақлиёт дар ҷодаи такмили системаи пардохти музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ба таври муфассал ё пурра таҳқиқ карда нашудааст.

Аз ин лиҳоз, механизми ташкили-иқтисодии ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ дар асоси омӯзиши равишҳои назариявӣ ва методӣ, барасии мушкилоти идоракунии музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии кормандонро бояд такмил дод, зеро он мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ ва ҳадафи асоси интихоб гардидааст.

**3. Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Ба натиҷаҳои

назаррасе, ки навоварии диссертатсияро ташкил медиҳанд, метавон дохил кард:

- мафҳуми иқтисодии категорияи “танзими шуғл” муайян шудааст, ки он маҷмӯи фишангҳои молиявию-иқтисодӣ, иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ ва маъмурию-давлатии танзими равандҳои шуғли аҳолиро, ки ба такрористеҳсолии захираҳои меҳнатӣ, сифати қувваи корӣ, баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ ва фаъолияти бозори меҳнат дар шароити барзиёдии қувваҳои кории минтақа равона гардидаанд.

- танзими давлатии шуғли аҳолӣ дар минтақаи аҳолиаш барзиёд, коркард шудааст, ки он ҷанбаҳои минтақавии амали кардани стратегияи миллии рушд, оиди шуғли пурмаҳсул, рушди бозори минтақавии меҳнат, паст намудани сатҳи бекорӣ ва ҷалби ҳадди зиёди аҳолии қобили меҳнат ба фаъолияти фаъоли меҳнатӣ, ҳавасмандии меҳнат ва баланд бардоштани сифати ҳаёт равона карда шудааст.

- равишҳо ва усулҳои арзёбии механизми танзими давлатии шуғли аҳолӣ, инчунин сиёсати шуғли аҳолӣ дар ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ошкор ва хусусиятҳои зоҳиршавии онҳо дар минтақаи қувваи кориаш барзиёд муайян карда шуданд;

- модели консептуалии пурмаҳсули шуғли аҳолӣ асоснок карда шудааст, ки дар доираи он маҳаки баҳодиҳии сатҳи шуғли аҳолии қобилияти меҳнатӣ доштаи минтақа, робитаву таъсири мутақобилаи омилҳои асосӣ ва принсипҳои афзоиши он баррасӣ гардида, механизми танзими давлатии бозори минтақавии меҳнат дар шароити иқтисоди бозорӣ баҳо дода шудааст;

- самтҳо ва роҳҳои такмили механизми танзими давлатии шуғли аҳолӣ (барномаҳои давлатӣ ва минтақавии мақсаднок, ки истифодабарии иқтидори касбии бекорон, ҷалби онҳо ба ҷараёни меҳнат, иршоди фаъолонаву мақсадноки касбӣ, ташкили омӯзишу бозомӯзии касбӣ, такмили ихтисоси кадрҳоро дар бар мегирад), пешниҳод шудааст, ки он ба таъмини шуғли пурраи аҳолӣ, эҷоди шароит барои ҳавасмандкунии такрористеҳсоли захираҳои меҳнатии минтақа ҳамчун механизми муҳими сиёсати давлатии

иҷтимоию иқтисодии шуғли аҳолӣ равона шудааст.

**4.Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Асоснокии хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда дар диссертатсия, инчунин сатҳи баланди илмии онҳо шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф аз адабиёти илмии муосир — ҳам ватанӣ ва ҳам хориҷӣ — дар самти такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ бо истифодаи эҷодкорона ва интиқодӣ баҳра гирифтааст. Ҳамзамон, дар асоси натиҷаҳои таҷрибаҳои амалӣ ва таҳлили оморӣ, муаллиф бо роҳи татбиқи методологияҳои гуногуни таҳқиқотӣ — аз ҷумла, усули муқоисавӣ— ҳадаф ва вазифаҳои тадқиқотиро пурра амалӣ намудааст. Дар маҷмӯъ, робита байни нуктаи назари назариявӣ ва натиҷаҳои эмпирикӣ бо риояи меъёрҳои этикии тадқиқотӣ ва талаботи стандартӣ пурра кафолат дода шудааст, ки ин ба сатҳи баланди илмии диссертатсия ва қобилияти татбиқи амалӣ ва стратегӣ пешниҳодот таъсири маҷмӯъан устувор мебахшад.

**5. Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.** Аз ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Ҳусензода Анвар Раҳмонқул бармеояд, тахассуси илмии ӯ ба дараҷаи илмии дархостнамудааш мутобиқат менамояд. Мавзуъ ва ихтисоси довталаби дараҷаи илмӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.12 -Иқтисодиёти меҳнат ба талаботи бандҳои 17 ва 18-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқат мекунад.

**6. Саҳми довталаб** дар он инъикос меёбад, ки марҳилаҳои татбиқи нақшаи таҳқиқоти илмӣ — аз интихоби мавзӯъ ва асоснокқунии он то муайян сохтани мақсад, вазифаҳо ва арзёбии аҳамияти онҳо — бо иштироки бевоситаи унвонҷӯ тарҳрезӣ гардидаанд. Муқаррароти асосии диссертатсия дар конфронсҳои илмию назариявӣ, мизҳои мудаввар ва семинарҳои солҳои 2019 - 2024 мавриди баррасӣ қарор гирифта шуда, бо натиҷаҳои мусбат пазируфта шудаанд. Натиҷаҳои асосии тадқиқот дар амалияи корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди истифода қарор дода шуданд. Муқаррароти назариявӣ-методии тадқиқоти диссертатсионӣ дар раванди

таълимии кафедраи назарияи иқтисодӣ ва идоракунии Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар шаҳри Панҷакент ҳангоми таҳияи нақшаҳои таълимӣ, дастурҳо ва матнҳои лексияҳои «Назарияи иқтисод», «Иқтисодиёти меҳнат», «Иқтисод ва идоракунии хоҷагии халқ» истифода бурда мешаванд.

**7. Ҳаҷм ва сохтори диссертатсия**

Сохтори кори диссертатсионии мазкур аз рӯи таркиби худ мантиқан дуруст ташаккул дода шудааст. Диссертатсия дар ҳаҷми 199 саҳифаи чопи компютерӣ навишташуда, аз сарсухан, се боб, хулоса ва пешниҳодот, руйихати сарчашмаҳои иттилоот ва адабиёт таркиб ёфтааast. Дар кори диссертатсионӣ 39 ҷадвал, 6 расм ҷой дода шудааст. Рӯйхати адабиёти истифодашуда 178 номгӯйро ташкил медиҳад.

Дар **муқаддима** мубрами мавзуи дисертатсия, дараҷаи таҳқиқи илмии он асоснок карда шуда, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзуъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо объекту матлаби таҳқиқот асоснок кардани ҳадафу вазифаҳои таҳқиқот матраҳ гардидаанд, фарзияи таҳқиқот муайян гардиданд навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, интишорот аз руйи мавзуи диссертатсия, ҳамчун сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудааст. (саҳ 4-13)

Дар боби якум «Асосҳои назариявию методии механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатии корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ дар замони муосир паҳлуҳои назаравию методии ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатии инчунин хусусиятҳои хоси фаъолияти меҳнатӣ ва ҳавасмандгардонии кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ, таҷрибаи хориҷии ҳавасмандгардонии кормандон дар шароити муносибатҳои бозорӣ баррасӣ гардидаанд. (саҳ 14- 58)

Дар боби дуюм «Таҳлил ва рушди механизми ташкили-иқтисодии ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ» масъалаи вазъи муосир ва рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита ба ин таҳлили низоми мавҷудаи ҳавасмандкунии фаъолияти меҳнати дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ва арзёбии музди

меҳнат ва даромади соҳибкорию механизми ташкилию иқтисодии ҳавасмандкунии кормандони корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ мавриди таҳлил қарор дода шудааст. (саҳ 59-106)

Дар боби сеюм «Самтҳои асосии такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ» масъалаи вобастаги алоқамандии самаранокии меҳнат ба ҳавасмандгардонии кормандон дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ, мукамалгардонии истифодаи низоми грейдҳо ва пардохти музди меҳнат дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ва самтҳои афзалиятнокии механизми ҳавасмандгардонии меҳнат дар корхонаҳои нақлиёти автомобили дида баромада шудаанд. (саҳ 107-137)

Дар хулоса натиҷаҳои асосии диссертатсия, пешниҳодҳо ва тавсияҳо оиди истифодаи амалӣ оварда шудаанд. (саҳ 155-158).

**8. Аҳаммияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он**. Таҳлили муҳтавои диссертатсия нишон медиҳад, ки арзиши илмии ин тадқиқот фарогир ва асосан аз асосноккунии назариявӣ ва коркарди методии такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ бармеояд.

Аҳамияти назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рушди асосҳои назариявию методологии ташкилнамоии музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии кормандон иборат буда, тавассути имкони истифодаи натиҷаҳои он дар фаъолияти корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ муайян мегардад. Натиҷаҳои ба дастомада имкон медиҳанд, ки дониши назариявию методӣ дар самти таъмини фаъолияти самараноки корхонаҳои соҳаи нақлиёт дар маҷмуъ амиқ ва фарохтар гардад.

Аҳамияти амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар коркарди услуби арзёбии ҳамаҷонибаи самаранокии меҳнати корманд ва муайян кардани меъёрҳои тарифӣ дар якҷоягӣ бо миқёси музди меҳнат мебошад, ки афзоиши ҳавасмандии самаранокии меҳнатро вобаста ба имкониятҳои молиявии корхонаи мушаххаси хизматрасонии нақлиётӣ таъмин менамояд.

Аҳамияти амалӣ ва иқтисодии натиҷаҳои диссертатсия дар он зоҳир

мегардад, натиҷаҳои диссертатсия тавассути он арзёбӣ мешаванд, ки принсипҳо ва пешниҳодоти таҳиякардашуда метавонанд дар таҳия ва амалӣ намудани стратегияи миллии рушди бозори меҳнат истифода шаванд. Тавсияҳои муаллиф оид ба ташкил ва васеъкунии инфрасохтори соҳаи нақлиёт, баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи амалӣ пайдо карда метавонад.

Аз ҷиҳати иҷтимоӣ, татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот метавонад ба такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ, коҳиши сатҳи бекорӣ дар минтақаҳо, баландшавии даромади аҳолӣ ва тақвияти рушди устувор мусоидат намояд. Ғайр аз ин, дастгирии мақомоти маҳаллӣ ва ҷумҳуриявӣ бо тақвияти механизмҳои ҳавасмандгардонӣ ва беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ фазои мусоиди иҷтимоӣ ва иқтисодиро фароҳам оварад.

Натиҷаҳо ва тавсияҳои ба дастомадаи таҳқиқотро барои такмил додани равандҳои идоракунии музди меҳнат ва ҳавасмандгардонии коргарон дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ ва бо тағйиротҳои зарурӣ дар корхонаҳои соҳаҳои дигари иқтисод ва ҳамчун асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқоти амиқ оид ба ин масъала метавон истифода бурд.

Натиҷаҳои асосӣ, методологияи таҳияшуда ва чорабиниҳои таҳқиқоти гузаронидашуда дар як қатор корхонаҳои шаклҳои гуногуни нақлиёти автомобилӣ санҷида шуданд. Аз ҷумла, методологияи арзёбии ҳамаҷонибаи самаранокии кормандон дар корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон озмуда шуд, ки ин имконияти коркарди маҷмӯи амалии марҳилаҳои асосии татбиқи онро, ки ҳамчун маводи ба истифода омода дар корхонаҳои нақлиёти автомобилӣ мебошад.

**9. Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Интишороти муаллиф нуктаҳои асосӣ, навгониҳо, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия дарҷгардидаро фарогир буда, дар маҷмуъ аз рӯйи мавзуи диссертатсия 10 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 адад дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

**10. Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия.** Диссертатсияи **Ҳусензода Анвар Раҳмонқул** ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) (минбаъд-Тартиб) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқикот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқаррароти Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссия аз 31 марти соли 2022, № 3) таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро инъикос менамоянд.

Мутобиқатии автореферат ба муқаррароти асосии диссертатсияи илмӣ. Автореферат ва мақолаҳои ба нашр расонидаи унвонҷӯ мазмун ва мундариҷаи асосии диссертатсияро фарогир мебошад ва ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯй буда, корҳои интишоркардаи муаллиф, иқтибосҳои илмӣ ва хулосаву пешниҳодҳои дар диссертатсия баёнгардидаро дар худ инъикос мекунад.

Новобаста аз он ки пурра ҷанбаҳои мусбии кори тақризшавандаро зикр намудем, баъзе камбудиҳои алоҳидаи онро низ қайд кардан лозим аст, ба монанди:

1. дар кори диссертатсионӣ боби якум (саҳ. 22-27.) корҳои илмии олимони тоҷик  нисбатан кам мавриди истифода қарор гирифтааст.

2. дар ҷадвали 2.14. (саҳ 71), динамикаи тағйироти индексҳои музди меҳнати номинали  ва ҳақиқи дар Ҷумҳурии Точикистон маълумот  оиди  соли 2023 оварда нашудааст;

3. дар рисолаи диссертатсионӣ самтҳои амиқи ҳавасмандгардонии кормандони нақлиёти автомобили мушаххас нишон дода нашудааст;

4. дар боби 2. банди 2.1.(саҳ.62-75) омилҳои асосие, ки ба рушди босуботи бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ мусоидат мекунанд оварда нашудааст.;

6. таркиби кор дорои баъзе ғалатҳои техникӣ, имлоӣ ва услубӣ мебошад.

Таъкид кардан зарур аст, ки норасоиҳои зикргардида хусусияти тавсиявӣ дошта, дараҷаии мусбии диссертатсияро паст намекунанд.

**11. Хулосаи умумӣ доир ба диссертатсия.** Дар маҷмуъ бояд қайд кард, ки кори диссертатсионии мазкур таҳқиқоти илмии мустқилонаи анҷомёфта мебошад, ки навоварии илмӣ ва аҳамияти амалиро дар худ таҷассум менамояд. Автореферат ва мақолаҳои нашркардаи муаллиф таркиби асосии кори диссертатсиониро фаро гирифта, натиҷаҳои таҳқиқот ҳамчун дастоварди нави илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшаванда ба чоп расонида шудаанд. Оид ба мавзуи дисертатсия аз ҷониби муалиф зиёда аз 10 мақолаи илмӣ ба ҳаҷми умуми 3,5 ҷузъи чопи аз ҷумла 4 мақола дар маҷалаҳои таҳлилии Комиссияи олии атестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудааст.

Муқаррароти асосии таҳқиқоти дисертатсиони дар семинарҳои илми, конфронсҳои байналмилалии илми амалӣ, конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳурияви баррасӣ гардидааст.

Умуман, кори диссертатсионии тақризшаванда дар мавзӯи «Такмили механизми ҳавасмандгардонии фаъолияти меҳнатӣ (дар мисоли корхонаҳои нақлиёти автомобилии Ҷумҳурии Тоҷикистон)» анҷомёфта буда, аз рӯи натиҷаҳои назариявӣ ва амалии худ ҷавобгуи талаботҳои шиносномаи ихтисоси илмӣ 08.00.12. –“Иқтисодиёти меҳнат” таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯ мебошад. Бинобар ин муалифи он Ҳусензода Анвар Раҳмонқул

арзанда аст сазовори номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12 - Иқтисодиёти меҳнат шавад.

**12.** Тақриз дар ҷаласаи Шурои илмии Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» муҳокима ва тасдиқ карда шудааст. (суратмаҷлиси №5 аз 19.09.2025 с. )

Овоз доданд: дар ҷаласаи Шурои илмии Муассисаи давлатии «Пажӯҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ» иштирок доштанд: 12 нафар, аз он ҷумла бо ҳуқуқи овоздиҳӣ 10 нафар.

ҳа – 10 нафар, зид – 0 нафар, бетараф – 0 нафар.

**Раиси ҷаласа:**
Директори муассисаи давлатии “ Пажӯҳишгоҳи меҳнат муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ”,
д.и.с. М.Маҳмадбекзода

**Ташхисгар:**
н.и.и., мудири шуъбаи бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ С. Давлатов

**Лоиҳаи тақризро тайёр намуд**:
н.и.и., мудири шуъбаи танзими масъалаҳои муҳоҷират У. Раимдодов

Имзои “**Маҳмадбекзода М.Ш, Давлатов С, Раимдодов У.С**”-ро тасдиқ менамоям,

**Нозири калони шуъбаи кадрҳо** **Қурбонмамадова С.**

**Суроғаи донишгоҳ:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш.Душанбе, хиёбони Борбад 72 Саҳифаи интернетӣ: www.pmmsha.tj, email; nii-truda@mail.ru. тел/факс: +992 (37) 2391838